آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

11 декабри соли 2024 Шанбе № 99 (15110)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЗАХИРАҲОИ АЗИМИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД БАРОИ САРМОЯҲО ВА ҶОЙҲОИ КОРӢ АСОС БА ШУМОР МЕРАВАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 10 декабр бахшида ба масъалаҳои истифодаи самарабахши имкониятҳои истифоданашуда, зиёд кардани миқдори ҷойҳои корӣ ва даромади сармояҳо дар вилояти Тошканд машварат баргузор кард.

Вилояти Тошканд дар тамоми соҳаҳо – саноат, хоҷагии қишлоқ, хидматҳо ва сайёҳӣ дорои иқтидори бузург мебошад. Тӯли ҳафт соли охир иқтисодиёти минтақа 1,5 баробар афзуд, миқдори корхонаҳои саноатӣ бошад, ду баробар зиёд шуд ва ба 12 ҳазор адад расид.

Вале имкониятҳои мавҷуда пурра истифода намешаванд. Чунончи, танҳо 25 фоизи тамоми заминҳои вилоят дар хоҷагии қишлоқ мавриди истифода мебошанд. Дараҷаи даромад аз ҳар гектар, нисбати минтақаҳои дигар кам аст. Дар шаҳрҳои Бекобод ва Оҳангарон, ҳамчунин дар ноҳияҳои Оққӯрғон, Чиноз ва Пискент коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дорад. Таъминот бинобар амнияти хӯрокворӣ ва содироти маҳсулоти меваву сабзавот низ ба иқтидори он мувофиқат намекунад.

Дар машварат, ки дар рӯҳи танқидӣ гузашт, чораҳо бобати баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳо пешбинӣ гардиданд. Аз ҷумла, ҳар кадом кластер, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ ба низоми иттилоотии «Агроплатформа» дохил карда ҳанд шуд. Низом маълумотро оид ба майдонҳои кишт, ҳаҷми маҳсулот, миқдори кормандон ва даромадҳои андоз дар бар мегирад. Соли оянда дар майдони 52 ҳазор гектар замини ҳафт ноҳияе, ки ба маҳсулоти меваву сабзавот тахассус доранд, рӯёндани ҳосили седафъаина ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин дар 5 ҳазор гектар замин боғҳои саноатӣ ва токзорҳо ташкил карда мешаванд.

Умуман заминҳои 22 ноҳия ва шаҳрҳои вилоят ба корхонаҳои коркард ва содиротӣ вобаста карда хоҳанд шуд. Таъкид гардид, ки ин имкон медиҳад соли оянда 3,5 миллион тонна маҳсулоти меваву сабзавот тайёр карда, он ба маблағи 500 миллион доллар ба содирот бароварда шавад.

Инфрасохтор ва логистикаи вилояти Тошканд барои соҳибкорӣ мусоид мебошад. Вале тӯли се соли охир майдони истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хидматӣ ҳамагӣ 1,6 миллион метри мураббаъ зиёд гардид, ки нисбати пойтахт 3,5 баробар кам аст. Аз 9 ҳазор гектар замин, ки барои лоиҳаҳои сармоявӣ ҷудо карда шудаанд, 2 ҳазор гектарашон истифода бурда намешаванд. Як қатор иншооти давлатӣ бекор хобидаанд.

Ин дар мавридест, ки сармоягузорон ба бунёди «шаҳри оқил», кластери тиббӣ ва истгоҳҳои барқии «сабз» дар минтақа рағбат зоҳир мекунанд. Ҳазорҳо соҳибкорон аз пойтахт ва вилоятҳои дигар барои вусъат додани тиҷорат, сохтмони корхонаҳои нав, меҳмонхонаҳо, маҳмӯъаҳои тиҷоратӣ ва сайёҳӣ майдон меҷӯянд.

Камбудиҳои Оҷонсии оид ба идораи даромадҳои давлатӣ ва ашхоси масъули вилоят дар корҳои мазкур таъкид гардиданд. Барои ба фурӯш гузоштани бино ва заминҳое, ки барои шароитҳои соҳибкорӣ корношоям мебошанд, ҳамчунин барои зиёд кардани ҳаҷми сармояҳо, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва афзудани содирот аз ҳисоби иншооти мазкур супоришҳо дода шуданд.

Ҳокими вилояти Тошканд бобати ҷалб намудани 5 миллиард доллар сармоя ва то ба 2 миллиард доллар зиёд кардани содирот барои соли оянда нақшаҳоро муаррифӣ кард.

Роҳбари давлат ба он чиз эътибор дод, ки нисфи сармояҳои пешбинишуда барои шаҳрҳои аллакай рушдёфтаи Олмалиқ, Ангрен, Чирчиқ, ҳамчунин ноҳияҳои Оҳангарон, Зангиота ва Қибрай ба нақша гирифта шудаанд. Вобаста ба ин зарурияти коркарди лоиҳаҳои иловагӣ нисбати ноҳияҳои қафомонда, аз ҷумла Оққӯрғон, Бекобод, Бӯка, Паркент, Пискент, Чирчиқи Поён ва Чиноз таъкид гардид, ки имкон медиҳанд ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

Таъкид шуд, ки аз ҳисоби имкониятҳои вилояти Тошканд баланд бардоштани даромади тамоми аҳолӣ имконпазир аст. Вазифа гузошта шуд, ки соли оянда бо шуғл фаро гирифтани 700 ҳазор нафар, то ба сатҳи табиӣ кам кардани сатҳи бекорӣ таъмин карда шавад. 22 ҳазор оила аз нодорӣ раҳоӣ ёфта, дараҷаи нодорӣ аз 7,2 фоизи кунунӣ то ба 4 фоиз коҳиш дода шавад, ҳамчунин муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз хориҷа бармегарданд, ба кор таъмин гарданд.

Президент ҳамчунин бо соҳибкорони вилоят, ки дар машварат ширкат доштанд, суҳбат кард. Ба таклиф ва ташаббусҳои онҳо эътибори махсус зоҳир карда, ба ашхоси масъул супоришҳои дахлдор дод.

ЎзА.

ДОИР БА НАҚШАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

Ба сарвари давлат доир ба корҳо дар саноати хӯрокворӣ ва нақшаҳо барои соли 2025-ум маълумот пешниҳод гардид.

Дар шароити афзудани миқдори аҳолӣ бо амнияти хӯрокворӣ таъмин кардан вазифаи торафт рӯзмарра мегардад.

Тағйироти ҷаҳонии иқлим, норасоии захираҳои замин ва об дар хоҷагии қишлоқ душвориҳои иловагӣ ба миён меоваранд. Бо вуҷуди ин соли равон дар Ӯзбекистон 9 миллион тонна ғалла, зиёда аз 3 миллион тонна пахта, бештар аз 16 миллион тонна сабзавот ва зироатҳои полизӣ, 5 миллион тонна меваҷот ва ангур, 4 миллион тонна картошка, ҳамчунин беш аз 15 миллион тонна гӯшт ва шир ҷамъоварӣ гардид. Дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 343 лоиҳа татбиқ гардид.

Баробари ин барои азхудкунии истеҳсолот имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Бояд истеҳсоли маҳсулоти нон ва гӯшту шир, равғани рустанӣ, маснуоти қаннодӣ ва нӯшокиҳои ташнагишикан зиёд карда шаванд.

Дар ҷамъомад бинобар самтҳои мазкур чораҳои мушаххас баррасӣ шуданд. Тӯли солҳои охир содироти маснуоти қаннодӣ 4 баробар афзуд ва ба 13 миллион доллар расид. Ба шарофати имконияти кашондани бевоситаи ашёи хом, маҳсулоти борбандӣ ва этикет арзиши аслии маҳсулот 20 фоиз паст гардид, ки иқтидори рақобатбардориро хеле баланд бардошт. Муҳлати амали ин имтиёзҳо 1 январи соли 2025-ум ба охир мерасад. Ба мақсади дастгирӣ намудани истеҳсолгарон пешниҳоди боз барои 2 сол идома додани имтиёзҳо баррасӣ мегардад.

Дар соҳаи саноати чарбу равған 408 адад корхонаҳо кушода шуданд, вале норасоии маҳсулот дар мамлакат имкон намедиҳад, ки онҳо бо тамоми иқтидор кор кунанд. Агар ба содироти маҳсулоти чарбу равған рухсат дода шавад, ҳаҷми истеҳсолот метавонад ба 120 ҳазор тонна зиёд гардад, барилова 240 ҳазор тонна озуқаи чорво истеҳсол хоҳад шуд.

Ба муовини Сарвазир супурда шуд, ки бинобар ин масъала бо дарназардошти талаботи бозор таклиф пешниҳод намояд.

Миқдори брендҳои миллӣ бо сертификатҳои «ҳалол» афзуданд, онҳо маҳсулоти гӯштро ба кишварҳои минтақа ва давлатҳои араб фаъолона ба фурӯш мебароранд. Вале муҳлати меъёрии нигоҳдории маснуоти колбаса 3 моҳ муқаррар шудааст, ки 2 моҳи он барои то ба истеъмолгари хориҷӣ расонда додани он сарф мешавад. Агар муҳлати нигоҳдории ин маҳсулотро ба меъёрҳои аврупоӣ мувофиқ созем ва онҳоро то ба 4-12 моҳ афзун намоем, истеҳсолот ва содиротро метавон 2 баробар зиёд кард. Вобаста ба ин мувофиқсозии меъёрҳои дахлдор ба меъёрҳои байналхалқӣ супурда шуд.

Ба мақсади вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ширӣ зарурияти ташкил кардани лабораторияҳои санҷишӣ дар вилоятҳои Наманган, Самарқанд ва Тошканд таъкид гардид. Таҷрибаи пешбурди чунин маҳсулот оид ба истифодаи шири табиӣ ва хушк ҳангоми истеҳсолот ба роҳ монда хоҳад шуд.

Истеҳсоли нӯшокиҳои ташнагишикан ва ғайриспиртӣ, шарбатҳои табиӣ аз меваю сабзавот фаъолона инкишоф меёбад. Тӯли панҷ соли охир содироти онҳо нӯҳ баробар афзуд ва ба 35 миллион доллар расид. Вале бинобар мавҷудияти боҷхо барои воридоти меваҷоти тропикӣ ва консентрати шарбати афлесун маҳсулот бо молҳои кишварҳои дигар рақобатбардорӣ карда наметавонанд. Вобаста ба ин пешниҳод гардид, ки воридоти консентрати меваҷоти тропикӣ аз боҷхои гумрукӣ озод карда шавад.

Дар ҷамъомад шахсони масъул дар бораи шарикии муфиди тарафайн бо корхонаҳои соҳавӣ дар доираи барномаи «Аз нодорӣ ба фаровонҳолӣ» маълумот доданд. Президент бобати минбаъд баланд бардоштани сифат ва дар соли оянда зиёд кардани миқёси корҳои татбиқшаванда супоришҳо дод.

ЎзА.



Корхонаи «Nifertite textil», ки дар маҳаллаи «Панҷсолагии истиқлолият»-и ноҳияи Янги Намангон фаъолият мебарад, ба истеҳсоли сачоқ ихтисосонида шудааст.

Роҳбари сех Зокирҷон Мамадҷонов дар тендер иштирок карда, барои дастрас кунондани маҳсулот ба Русия, Қазоқистон ва Белорус имконият ба даст оварда. Соҳибкор дар асоси лоиҳаи «Ба тиҷорат қадами аввал» кредити имтиёзнок гирифта, мошинҳои дарздӯзиро зиёд кард ва миқдори коргаронро ба 50 нафар расонд.

Дар ин ҷо ҳам асосан аҳолие, ки дар «Дафтари бонувон» ва «Дафтари ҷавонон» номнависанд, ба кор таъмин шудаанд. Алъон нишондиҳандаи экспорт 1,8 миллион долларро ташкил намояд, то ҷамъбасти сол ин рақам ба 2 миллион доллар расонда мешавад.

Хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Янги Намангон.

ИБТИДОИ НЕК – ОМИЛИ САМАРАИ ХУБИ КОР

Ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон аз беҳтарин амалҳои савоб дар байни мардуми мо маҳсуб меёбад. Хусусан вақте ки орзуву армонҳои он қишри ҷомеа, ки ба кумакҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ ниёзи бештар дорад, бароварда шавад, боиси ризоияту қаноматмандиҳо мегардад.

Дарҳақиқат, имрӯзҳо мардуми зиёд аз чунин кумакҳои иҷтимоӣ бархурдор мешаванд, ки ниҳоди хоси давлатӣ – Агентии миллӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии назди Президент ва идораҳои вилоятиву минтақавии он анҷом медиҳанд. Ҳар як ниҳод расонидани чунин кумакҳоро беш аз пеш вусъат бахшидааст ва теъдоди зиёди шаҳрвандонро зери ҳимояи иҷтимоӣ қарор додааст.

Дар вилояти Фарғона бо мақсади дар сатҳи маҳалла ташкил намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, пешгирии афтодани аҳолӣ ба ҳолати вазнини иҷтимоӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини он дар байни аҳолӣ корҳои зиёд ба фарҷом мерасанд.

– Дар 19 шаҳру ноҳияи вилоят хизматрасонии иҷтимоӣ ва кумак аз ҷониби кормандони марказҳои хизматрасонии иҷтимоии «Инсон»-и Агентии миллӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки дар арафаи бузургтарин ва азизтарин ҷашн – 33-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бинои идораи бахши вилоятии агентӣ ба истифода дода шуд. Ин имконият барои боз беҳтар кор кардани ходимонамон мусоидат намуд. Онҳо сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ҷорӣ намудани низоми комилан нави идоракунӣ дар асоси стандартҳои пешрафтаро хеле баланд мебардоранд, – мегӯяд сардори идораи вилоятии ин агентӣ Элёрбек Асронқулов.

Ба таъкиди ӯ фармони Сарвари давлатамон ҷиҳати боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, васеъ намудани ҳаҷму намудҳои хизматҳои иҷтимоӣ ба онҳо, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ басо мусоидат менамояд. Ба гуфтаи ӯ дар ибтидо аз ҷониби Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ ва идораҳои минтақавии он 49 намуди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кумак расонида шуда бошад, ҳоло шумораи он аз сад адад гузаштааст.

Элёрбек Асронқулов тазаккур дод, ки аз хидмати марказҳои хизматрасонии иҷтимоии «Инсон» зиёда аз 92 ҳазор маъюбон, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиндагӣ мекунанд, зиёда аз 2 ҳазору 200 нафар пирони яккаву танҳо, ки ба нигоҳубин эҳтиёҷ доранд, зиёда аз 16 ҳазор нафар ниёзмандони асбобҳои протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ баҳраманд мегарданд.

Дарвоқеъ, биноҳои маркази хизматрасонии иҷтимоии «Инсон»-и шаҳри Фарғона ва соири шаҳру ноҳияҳои вилоят дар хидмати мардум қарор гирифтаанд. Дар ин марказҳо самараи кори коркунони иҷтимоӣ доман фарох намуда, сифати хидматрасониашон мардумро қаноатманд месозад.

– Ба истифода супурда шудани биноҳои маркази хидматрасонии иҷтимоии «Инсон» дар ноҳияҳои Ӯзбекистон, Бағдод, Риштон, Қӯштеппа ва шаҳри Марғелон низ кори ходимони моро хеле осон намуд. Онҳо барои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва васеъ намудани ҳаҷму намудҳои хидматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон бо ҷидду ҷаҳд фаъолият мекунанд, – мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

– Ин рӯз як фурсати муҳим барои таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба зиндагӣ, мушкилот ва имконоти маълулон, аз нав дида баромадани муносибати иҷтимоӣ ба онҳост. Ҳоло дар кишвари соҳибистиқлоли мо ҳимояи ҳуқуқи маълулон ва ҷалбу ҷазби онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ аз авлавияти вазифаҳои мо қарор гирифтааст. Зеро ҳар яки мо барои бунёди ҷомеаи фарогир масъулем, – қайд намуд Элёрбек Асронқулов.

Дар вилоят шурӯъ аз 1 январи соли 2024 кормандони идораи вилоятии агентӣ пардохтҳои зерини иҷтимоӣ, мисли кумакпулиҳо барои синну сол, барои саробон; барои намояндаи қонунӣ, ки кӯдакони маъюби то 18-соларо нигоҳубин мекунанд, барои маъюбони аз кӯдакии гурӯҳҳои 1 ва 2 (аз 18-сола боло), барои маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, барои оилаҳои камбизоат, пардохти кумаки молии якдафъаина ҳангоми таваллуди кӯдак, барои дафнро анҷом додаанд.

Ногуфта намонад, ки Раъно Ҷӯраева ном зан ба унвони мақомоти идораи мазкур бо як паёми видеоӣ муроҷиат кардааст ва барои табобат кумаки молӣ хостааст. Дар асоси ин муроҷиат ба Р.Ҷӯраева барои табобаташ аз хазинаи «Саховат ва дастгирӣ» 1 миллион сӯм ҷудо карда шудааст. Даҳҳо чунин мисолҳоро овардан мумкин аст, ки бо иқдоми бахши вилоятии агентӣ одамони зиёд аз кумакҳои иҷтимоӣ баҳраманд гардидаанд.

Ташкили маҳфилҳои гуногун барои фарзандони шахсони камбизоат ва ниёзманд, зиёфатҳои идона ва амсоли он низ дар доираи фаъолиятҳои бахши вилоятии агентӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Вилояти ФАРҒОНА.

ДАСТОВАРДҲОИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОҲАҲОИ ФАРҲАНГ ВА ДИПЛОМАТИЯ ЭЪТИРОФ ГАРДИД

Ба қарибӣ дар пойтахти Қатар – шаҳри Доҳа конфронси байналхалқӣ дар мавзӯи «Мулоқот, дипломатия ва гуногунрангӣ» баргузор шуд.

Раиси Бунёди рушди фарҳанг ва санъати назди Девони Вазирони Ӯзбекистон Гаяна Умерова, ки дар конфронс ширкат варзид, оид ба мавзӯи «Нируи фарҳанг: дипломатияи ҷаҳонӣ дар қарни XXI» маърӯза кард. Вай дар бораи таҷрибаи Ӯзбекистон бинобар ҳусни тафоҳум аз тариқи фарҳанг ва таҳкими ҳамкориҳои байналхалқӣ маълумот пешниҳод намуд.

– Ӯзбекистон дар дипломатияи фарҳангӣ мақоми нодирро ишғол мекунад. Мо бо ташаббусҳои хеш дар Биэнналеи Бухоро ва иҷлосияи 43-юми конфронси генералии ЮНЕСКО, ки дар Самарқанд оид ба рақамикунонии бойгониҳо, самтҳо барои муносибатҳои замонавии эҷодӣ ба мероси таърихӣ баргузор гардид, мустаҳкам кардани ҳамкориҳои байналхалқиро мақсад кардаем, – мегӯяд Гаяна Умерова. – Ҳукумати мо чорабиниҳоро бинобар рушди саноати креативӣ мунтазам татбиқ менамояд. Ташаббусҳои мазкур нафақат ба рушди фарҳанг, балки ба пешрафти иқтисодиёт низ хидмат мекунанд.

Бояд таъкид сохт, ки конфронси мазкури байналхалқӣ таҷрибаи пешқадами Ӯзбекистонро бинобар рушди фарҳанг намоиш медиҳад ва ба сифати платформаи самарабахш барои мубодилаи таҷриба дар миқёси байналхалқӣ аҳамияти хуб дорад.

Н. ЗИЁДУЛЛОЕВА,
хабарнигори ЎзА.

Кишоварзони вилояти Самарқанд иди касбӣ – Рўзи ходимони хоҷагии қишлоқро бо комёбиҳои назаррас пешвоз гирифтанд. Суҳбати мо бо сардори шуъбаи хоҷагии қишлоқи вилоят Руслан Муродов дар бораи бурду бохти соҳаи мазкури вилоят қарор гирифт.

САРҲИСОБИ ҚАНОАТБАХШ

– Маълум аст, ки самти асосии хоҷагии қишлоқ – таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад, – гуфт Руслан Муродов. – Бинобар ҳамин барои ҳосили фаровони соли 2024-ум дар 33084 гектар майдон сабзавот, 1165 гектар маҳсулоти полиз ва 20 ҳазор гектар картошка кишт шуда, ба ивази ҳосили дилхоҳ дастархони пурнозу неъмати мардум таъмин гардид.

Пахтакорони вилоят дар 72 ҳазор гектар замин пунбадона кошта, дар асоси талаботи агротехникӣ парвариш намуданд. Дар натиҷа ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 38 сентнерӣ расид.

Беш аз 2200 хоҷагии фермерӣ дар 58 ҳазор гектар ниҳолҳои тезпаз ва ба бемориҳо тобовар парвариш карданд.

Дар натиҷа ҳосилнокӣ нисбат ба соли гузашта ба 1,8 сентнерӣ, ё ки 27 ҳазор тонна афзуд.

Чорвопарварӣ низ сол то сол ривоҷ меёбад. Ҳоло дар вилоят моли калони шоҳдор ба 1,7 миллион сар ва афзоиши соҳаи мазкур ба 102 фоиз расид. Дар хоҷагиҳои чорвопарварӣ 326 ҳазор тонна гўшт ва як миллиону 40 ҳазор тонна шир истеҳсол шудааст.

Дар соли ҷорӣ барои ривоҷу равнақи чорвопарварӣ ба арзиши 600 миллиарду 670 миллион сўмина 82 лоиҳа амалӣ гардид.

То охири сол адади чорворо ба як миллиону 804 ҳазор сар расонидан ба нақша гирифта шудааст.

– Русланҷон, дар урфият мегўянд, ки паррандапарварӣ яке аз ҳафт хазина аст.

– Ҳақ асту рост. Имрўзҳо шумораи паррандагон дар вилоят ба 15,3 миллион сар расидааст, ки нисбати соли гузашта ба 107 фоиз афзуд. Истеҳсоли гўшти парҳезӣ 166 ҳазор тонна ва тухм 1,3 миллиард донаро ташкил дод.

Воқеан паррандапарварӣ дар Самарқанд нисбат ба дигар вилоятҳои кишварамон бештару хубтар ривоҷу равнақ меёбад. Ҳоло дар Самарқанд 213-то хоҷагиҳои паррандапарварӣ мавҷуд ва шумораҳои онҳо хоҳад афзуд.

Инчунин дар вилояти мо 513-то хоҷагиҳои моҳипарварӣ арзи вуҷуд дошта, дар беш аз ҳазор гектар ҳавзҳои сунъӣ ва 2,3 ҳазор гектар табиӣ «луқмаи ҳалол» парвариш меёбанд. Аз обанборҳо дар мавсими имсола 17,9 тонна моҳӣ шикор карда, ба дастархони мардум гузоштем. Дар ин самт 29 лоиҳа, ки 19 миллиард сўм арзиш дорад, амалӣ гардид ва дар натиҷа 185 ҷои корӣ пайдо шуд.

– Аҷиб, салоҳияти фурўши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чӣ гуна аст?

– Агар дар соли 2023-юм ба миқдори 174,2 миллион доллар меваю сабзавот ба кишварҳои хориҷӣ ирсол гардидааст, имсол ин рақам аз 335 миллион доллар афзуд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳоло дар вилоят 251 анборхонаҳои замонавӣ арзи вуҷуд дошта, беш аз 200 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ нигаҳдорӣ мешавад, ки дар фасли зимистон зебу зиннат, яъне дастархони пурнозу неъмат гардад.

Дар Самарқанд 12-то ноҳияи пахтапарварӣ, 11-то ғаллапарварӣ, 12-то мевасабзавотпарварӣ, 6-то картошкапарварӣ фаъолият доранд.

– Чанде пеш мо бо роҳбари хоҷагии фермерии ба номи Абдурауф Давронбобо, деҳқони соҳибтаҷриба Абдуғаффор Давронов ҳамсуҳбат шудем ва ў гуфт, ки дар кишоварзӣ ибораи «тўқсонбостӣ», яъне кишту кори тирамоҳӣ низ мавҷуд буда, он асоси даромади фасли зимистон аст.

– Вай дуруст гуфтааст. Зеро дар тўли 90 рўз тухмии сабзавот дар фасли зимистон ривоҷу равнақ меёбад. Бинобар ҳамин мо дар фасли тирамоҳ ба 70 ҳазору 379 гектар майдон сабзавот кошт, дар фасли баҳор ба фурўш бароварда, иқтисоди хешро мустаҳкам мекунем.

– Таманнои шумо ба ходимони хоҷагии қишлоқ?

– Сарвари давлатамон деҳқону боғбон, фермеру механизаторон, хуллас онҳоеро, ки бо истеҳсоли маводи озуқаворӣ машғул ҳастанд, бо Рўзи ходимони хоҷагии қишлоқ табрик гуфт, ки мо низ ҳамоҳанг ҳастем.

Бигзор дар соли оянда низ обу ҳаво барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат намояд.

Суҳбаторо
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.



Маросими ба истифода супурдани меҳмонхонаи «OMORFI BUKHARA», ки дар кўчаи Намозгоҳ маҳаллаи Турки ҷандии шаҳри Бухоро барпо шудааст, баргузор гардид. Дар он масъулони идораи сайёҳии вилоят, вакилони ташкилотҳои мутасаддӣ ва ҷомеаи васеъ иштирок намуданд.

Дар меҳмонхона, ки меъмории милливу замонавиро дар худ муҷассам кардааст, акнун 10 нафар писарону духтарон ҷойи кори доимӣ меёбанд.

Дар ин меҳмонхона ҷамъ 14 хона (34 ҷой) мавҷуд мебошад.

Канали телеграмми расмии ҳокимияти вилояти Бухоро.

ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛӢ – МАНБАИ ДАРОМАДИ ИЛОВАГӢ

Одамон замини наздиҳавлии худро на танҳо барои эҳтиёҷи оилаи худ, балки бо мақсади манбаи даромади иловагӣ истифода мебаранд. Ин ҳам ба рўзгор барака ва ҳам ба бозор барои даровардани маҳсулоти иловагӣ имконияти хуб аст.

Назокат Ўрмоноваи учқўрғонӣ низ аз замини наздиҳавлии худ босамар истифода мебарад. Дар 4 сотих гармхона қулуфнай ва дар 2 сотих бо усули «тўқсонбостӣ» кабудиву резаворҳо парвариш мекунад ва бо чорво ва паррандапарварӣ низ машғул аст.

– Ҳар сол аз замин се маротиба ҳосил мегирем, даромад ҳам ба меҳнатамон хос, 90-100 млн. сўм даромади соф мегирем, – мегўяд Назокат. – Аъзои оилаамон ҳама ба ман кумакрасонанд. Зиёда аз 40 сар гўсфанд ва парранда дорем. Аз бозор чизе харид намекунем, чунки ҳамааш аз худаамон мебарояд. Маҳсулоти зиёдатиро дар бозор мефурўшем. Дар рафти кор аз технологияи замонавӣ истифода мебарем. Ин барои сабук кардани корамон ва афзудани ҳаҷми маҳсулот кумак мерасонад.

Дар ҳақиқат, истифода аз заминҳои наздиҳавлӣ на танҳо манбаи даромади иловагӣ, балки мардумро бо шуғл, бозорро бо маҳсулоти арзони хўрокворӣ таъмин мекунад.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

БОЗОМЎЗИИ СОҲИБКОРОН – ТАЛАБИ ЗАМОН

Ҳукумати ҷумҳурии мо ба ривоҷ додани соҳибкорӣ эътибори алоҳида медиҳад ва ибтикори намояндагони шарафманди ин соҳаро яке аз омилҳои калидии тараққиёти иқтисодиёти кишвар медонад.

Аз ин рў, дар баробари майдони васеъ кушодан ба соҳибкорон барои инкишофи донишҳои назарии онҳо дар илми иқтисод, ки талаби замони нав аст, шароити хубе фароҳам оварда шудааст. Хоса, давлати мо хушбин аст, ки қишри бекори ҷомеаро ба ягон намуди касбу ҳунар фаро бигирад, онҳоро ба соҳибкорӣ ҷалб намуда, кумакҳои иҷтимоӣ расонад. Дар радифи ин нақшаҳо баланд бурдани сатҳи маърифати шахсони соҳибкор дар илми иқтисод хеле зарур шуморида мешавад. Зеро замони муосир талаб дорад, ки соҳибкорон низ дониши назарии қавие дошта бошанд, то дар пешбурди корҳо ба мушкилот дучор наоянд ва ба фишору рақобати ҳамтоҳои худ дар бозори озод омода гарданд.

Барои боло бурдани сатҳи маърифати соҳибкорон дар маркази вилоятҳо «Ишга марҳамат» («Марҳабо ба кор») ном мономарказ ва курсҳои омўзишу парвариш дар касбу ҳунарҳо амал мекунанд, ки аз ҷониби мактаби олии соҳибкорӣ ва тиҷорати назди Девони Вазирон семинар ва дарсҳои бозомўзӣ гузаронида мешаванд. Бахши сурхондарёвии ин дабистон хеле фаъол буда, дар мавзўоти «Хониши аҳолӣ, хоса, ҷавонон ва занону духтарон ва ифшои нозукиҳои соҳаи соҳибкорӣ», «Дастрас намудани кредит тавассути дастури соҳибкории оилавӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат», «Хидмати маркетинг ва ташкил намудани реклама – корҳои тарғиботии коло ва хидматҳо» мунтазам курсҳои бозомўзии кўтоҳмуддат гузаронида мешаванд. Дар ин курсҳои омўзишӣ аз ҷониби мутахассисони варзида маърўзаҳои муфид, ҷамъомадҳои амалӣ ва дарсҳои маҳорат доир мегарданд, ки ҳар кадом аз 40 соат то 120 соатро дарбар мегиранд.

То имрўз дар вилояти Сурхондарё бо тавсияи ёварони ҳокими ноҳияҳо ва як идда хоҳишмандон дар асоси аризаашон, ки шумораи умумии онҳо бештар аз 1000 кас мебошанд, ба курсҳои омўзишӣ ҷалб ва бо донишҳои назариву амалии соҳаи соҳибкориву тиҷоратӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҷумла, 500 нафари онҳо соҳаи соҳибкориро ихтиёр намуданд ва як қисм барои васеъ сохтани соҳибкории худ азм карданд. Дар натиҷа ҷойҳои кории доимӣ ташаккул ёфта, теъдоди муайяне бо ҷойи кор таъмин гаштанд.

Ин корҳо минбаъд майлони нав пайдо хоҳанд кард, чун теъдоди шахсони хоҳишманд барои омўхтани назарияи соҳибкорӣ рўз аз рўз меафзояд.

Ш. ХИДИРОВ,
сармутахассиси Мактаби олии тиҷорат ва соҳибкорӣ.

Самарқанд боз ба маркази муҳокимаи масъалаи муҳими зиндагӣ, яъне ба мақсади сулҳу осоиштагӣ истифода бурдани неруи атомӣ табдил ёфт. Дар маркази сайёҳии байналхалқии «Роҳи абрешим»-и шаҳри абадӣ анҷумани байналмилалӣ баргузор гардид, ки иштирокчиёни он масъалаи истифодаи неруи атомиро муҳокима намуданд.

НЕРУИ АТОМӢ – БА МАҚСАДИ СУЛҲУ АМОНӢ

Қабл аз оғози чорабинӣ котиби матбуоти Президент Шерзод Асадов ба иштирокчиёни анҷумани бошукўҳи байналхалқӣ муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистонро хонда дод.

Сипас, сардиректори Агентии байналхалқии неруи атомӣ (МАГАТЭ) Рафаэл Гроссӣ, вазири энергетикаи Ўзбекистон Ҷўрабек Мирзомаҳмудов, директори генералии Ассотсиатсияи ҷаҳонии ядровӣ Билбао Леон ва дигарон ба минбар баромада, доир ба мақсади истифода бурдани неруи атомӣ фикру андешаи хешро баён намуданд.

Иштирокчиёни анҷуман бо ёдгориҳои таърихии Самарқанд низ шинос шуданд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

10 декабр – Рўзи мадҳияи миллӣ

МАДҲИЯ – ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

Дар назди компутер бо кори эҷодӣ машғул будам, набераи шашсолаам – Амирбек аз боғча бо хушнудӣ баргашт:

– Ассалому алайкум, бибиҷон. Ман омадам. Медонед, имрўз чӣ гуна шеър аз ёд кардам?

– Хўш? – бо аломати савол нигоҳ кардам ба ў баъди ҷавоби салом.

– Гўш кунед...

Ў мадҳияро буррову форам қироат кард. Ман ҳам ба ў ҷўр шуда хондам.

– Шумо ҳам медонистаед, – аз шодӣ чапак зад вай.

– Ту маънии ин шеъри хондаатро медонӣ? – пурсидам аз Амирбек.

– Албатта, медонам, маънии онро боғчаапа фаҳмонданд. Агар мо ватандўст шавем, бо якдигар дўсти қарин бошем, кишварамон боз ҳам ободу хуррамтар мегардад. Боз гуфтанд, ки агар ҳар яки мо дар оянда фарзандҳои қобили ба халқ, ба Ватан хидмат мекарда шуда ба воя расем, Ўзбекистон боз ҳам ривоҷу равнақ меёбад.

Фикрҳои боғчаапаро ман ҳам тасдиқ кардам.

Дарҳақиқат, вақте ки мадҳияи давлатамон садо медиҳад, он ба ҳар як шаҳрванд эҳсоси ифтихор мебахшад. Дар он ҳисси ватанпарварӣ, осудагӣ, сулҳу амният, меҳру муҳаббати бепоён ба халқу кишвар акси садо медиҳад.

– Пеш аз оғози чорабиниҳои муҳими давлатӣ дар дилам мавҷи ифтихор ҷўш мезанад, – гуфта буд боре дар суҳбат ходими корҳои дохилии ноҳияи Норин, майор Баркамол Хурсанов,– чун садои мадҳияи давлатӣ танин андохт, беихтиёр даст ба рўйи сина гузошта, ба он ҷўр мешавам. Ин суруд ба мо эҳсоси ватандўстӣ, инсонпарварӣ, меҳру оқибат, ҳурмату эҳтиром ба Ватани маҳбуб ва мардуми сулҳпарварро талқин мекунад. Дар ҳар як сатри он хоҳишу иродаи мустаҳкамиҳамдиёронамон акс ёфтааст.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

Муҳимтарин чиз дар ҳаёти инсон тандурустист. Фарзанд ҳанўз ба дунё наомада, волидони ў ғами солимии ўро мехўранд. Ҳар кўдак баъди таваллуд ёфтан нафақат аз нигоҳубини модар ва аҳли хонадон, айни замон аз меҳру парвариши посбонҳои саломатӣ баҳраманд мегардад. Эътибор ба солимии модар ва тифл дар мамлакати мо ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

ДОРУВОР – ВОСИТАИ МУҲИМИ ТАНДУРУСТӢ

Ҳамин тавр, шахс то пиронсоливу барҷомондагӣ, яъне то нафасҳои охирини ҳаёт метавонад аз хидматҳои хушсифати тиббӣ бархурдор бошад.

Дар моддаи 48-уми Конститутсия муайян гардида, ки дар мамлакати мо ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад аз ҳисоби давлат дар ҳаҷме,ки қонун кафолат додааст, аз кумаки тиббӣ бархурдор бошад. Ҳамчунин аз ҳисоби давлат дар ташкилотҳои таълимии давлатӣ дар асоси озмун ба гирифтани маълумоти олӣ ҳуқуқ доштани шаҳрвандон дар таҳрири нави Қонуни Асосӣ муайян карда шудааст.

Таърихи қадимӣ доштани тиббиёти мо ба касе сир нест. Табобати халқӣ дар ин сарзамин аз давраи бостон нашъунамо дошт. Ба ривоҷи ин соҳа мусоидии муҳит, иқлим ва табиати диёр низ такон мебахшид. Нақлҳои афсонамонанд дар бораи хусусиятҳои мўмиё, ки дар қаторкўҳҳои баланди мо мерўид, диққати мардуми оламро ба худ мекашид. Гуфта мешуд нафақат рустанӣ ва гиёҳҳо дар навъҳои гуногун, ҳатто паррандаву хазандаҳо дар ин сарзамин ҷиҳатҳои зиёди давоӣ доранд. Меваҳои дар диёри офтобӣ пухтарасидаро истеъмол мекунӣ ва худро бовар мекунонӣ онҳо баробари чун асал хуштаъм будан хусусиятҳои шифоиро ҳам моликанд.

Дар солҳои истиқлолият дорусозии замонавӣ низ дар кишвари мо тараққӣ кард. Баробари муассисаҳои профилактикиву давоӣ навъҳои зиёди дорувор сари вақт ба аҳолӣ низ дастрас гардонда мешавад. Ўзбекистон як вақтҳо доруворро асосан аз хориҷ харид мекарда бошад, алъон баробари воридот содироти воситаҳои давоӣ низ қобили таваҷҷуҳ буда, маҳсулоте, ки корхонаҳои фарматсевтикии маҳаллӣ кор карда мебароранд, дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро доранд. Онҳо бо бехатарӣ, хушсифатӣ ва таъсиргузорӣ ҷудо шуда меистанд. Дар минтақа яке аз пешсафон будани саноати дорусозии мо ба касе пўшида нест. Алъон бештар аз 150-то корхонаҳои ватанӣ дар самти истеҳсоли дорувор ба талаботи андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгў мебошанд. Номгўйи воситаҳои давоӣ бошад, наздик дуюним ҳазорторо ташкил менамояд.

Навъе аз маълумотҳо бармеояд, корхонаҳои дорусозӣ дар диёри мо барои боз ҳам бештар ва хушсифаттар баровардани маҳсулот чораю тадбирҳои амалӣ меандешанд. Бо мақсади навсозӣ ва бо таҷҳизоти асрӣ таъминнамоии ин гуна коргоҳҳо аз хориҷ сармояҳо ҷалб карда мешаванд. Татбиқи амалии худ ёфтани наздик 100 лоиҳаи сармоявӣ дар ин самт, албатта, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Баробари ҳамин барои бо ашёи хоми маҳаллӣ таъминсозии корхонаҳои фарматсевтикӣ ҳаракатҳо самара мебахшанд. Вале мутахассисон мегўянд, бобати истифодаи самаранок аз ашёи хом дар мамлакатамон норасоиҳо низ мавҷуданд. Фактҳо далолат медиҳанд, воситаҳои дорувории гурўҳҳои ҷудогонаи фармакотерапевтӣ, яъне онкологӣ, эндокринологӣ, дорувории махсус ва воситаҳои психотропиро бинобар сабабҳои гуногун, тавре пештар буд, ҳамон корхонаи маҳаллии мо қариб истеҳсол намекунанд. Вазъ водор месозад ин навъ дорувор ба нархи гарон аз хориҷ харида шавад. Барои ҳамин ҳам нархи баъзе доруҳо дар дорухонаҳои мо бисёр гарон.

Муҳтарам Шавкат Мирзиёев баъди ба сари қудрат омадан дар давраи нави таърихӣ қабл аз ҳама ба тиббиёт диққат нигаронд, ба намояндагони соҳа вохўрд, мушкилоти соҳаро омўхт, барои бартарафсозии норасоиҳо дар соҳа тавсияҳои муҳим пешниҳод кард. Қабул карда шудани қарори ў «Дар бораи чораҳои минбаъд беҳтар гардонидани таъминоти аҳолӣ ба воситаҳои давоӣ ва маснуоти таъиноти тиббӣ», воқеан дар ҳалли масъалаи минбаъд мақбулгардонии шабакаи муассисаҳои тиббӣ, хоссатан гирифтани пеши роҳи ҳолатҳои беасос баланд бардоштани нархҳои воситаҳои давоӣ асоси муҳими ҳуҷҷатӣ қарор гирифт. Моҳи январи соли 2024 бошад, роҳбари давлат ба фармон «Дар бораи чораҳои иловагии ба тартиб андохтани соҳаи фарматсевтика» имзо гузошт. Дар ин ҳуҷҷат қайд карда мешавад, дар ҷумҳурии мо дар давоми солҳои охир оиди кор карда баровардани воситаҳои давоӣ, такмили ашёи тиббӣ ва такмили муомилаи техникӣ дар соҳа чораҳои маҷмўӣ андешида мешаванд. Айни замон ҳаёт тақозо дорад ба ислоҳи соҳаи фарматсевтикӣ, таъмини амнияти маҳсулоти дорувор, аз рўйихати давлатӣ гузаронидани воситаҳои давоӣ ва ба тартиб андохтани фаъолияти дорухонаҳо эътибори дучанд нигаронида шавад, таъкид ёфтааст дар фармон. Мувофиқи ин ҳуҷҷат ба номгўйҳои зиёди воситаҳои давоие, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд, ҳамчунин ба маснуоти тиббие, ки ба таври доимӣ истифода мешаванд, акнун нархҳои ягонаи мақбул муқаррар гардидаанд.

Чӣ тавр ба фурўш бароварда шудан ва мавриди истифода қарор гирифтани воситаҳои давоӣ, хоссатан нархҳои онҳоро комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ назорат менамояд. Як навигарӣ боз он аст,ки дар ҳузури Агентии рушди соҳаҳои фарматсевтикии Вазорати тандурустӣ фаъолияти корхонаи унитарии «Маркази амалиётҳои зарурӣ» дар шакли муассисаи давлатӣ аз нав барқарор карда шудааст.

Назорати постмаркетингии воситаҳои давоӣ, айни замон, ба амал татбиқ карда мешавад. Офарида шудани сохтори иттилоотии миллӣ-электронии «Фармаконназорат» низ воқеаи муҳим дар соҳа мебошад. Ба сохтори «Фармаконназорат» бошад, маълумотҳо доири таъсири ногувори дорувор саривақт ворид карда мешаванд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

БОНУВОНИ КИТОБДЎСТ

Дар шаҳри Қаршии вилояти Қашқадарё бо ширкати як гурўҳ занону духтарони китобхон чорабинии хотирмоне баргузор шуд.



Ин ҷамъомад дар толори Маркази маданияти шаҳр бо шукуҳи хосе доир гардид ва даҳҳо бонувони китобдўстро аз шаҳру навоҳии қаламрав гирдиҳам овард. Онҳо сухан аз китобу фавоиди он кушода, дар роҳи тарбияти насли наврас нақши муҳим доштани ин атои Худованд – маҳсули беназири хиради инсониро таъкид намуданд. Бояд гуфт, ки дар робита ба баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии бонувоне, ки дар хонаҳо нишаставу машғули тарбияти фарзандон ҳастанд ва ҷиҳати бомазмун гузаштани вақти холии онҳо, озмуни «Бонувони хонашини китобхон» эълон шудааст ва дар раъси ин чорабиниҳо Саридораи бахши вилоятии оила ва бонувон қарор дорад. Зинаи вилоятии ин сабқати хуб ҷамъбаст ва ғолибони он муқаррару қадрдонӣ шуданд. Дар рўзи маросими супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмун раиси Саридораи бахши вилоятии оила ва бонувон Зиёда Аминова бонувони хонашини китобхонро, ки якҷо бо заҳмати тарбияти фарзандон китоб хондаву аз ин хазинаи бебаҳо бархурдор мегарданд, қаҳрамонони замони мо унвон кард ва ба ғолибони озмун туҳфаҳои хотирмон супорид.

– Мақсад аз роҳандозии озмун боло бурдани сатҳи маърифати занон аст ва агар дар хона модар ҳамеша дар даст китобу пеши фарзандонаш ҳузур дошта бошад, онҳо низ ба китобу китобхонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва аз ҳар гуна амалҳои нораво худро канор мегиранд, – гуфт З. Аминова.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Дар вохӯрии роҳбарони бахшҳо ва ҷавонон, ки дар Кохи фарҳанги ноҳияи Сӯх баргузор гардид, ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев, прокурори ноҳия Садиралӣ Мирзокаримов, сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳия Қосимҷон Раҳимбердиев ва сардори Нозироти давлатии андози ноҳия Фаридҷон Тӯрабоев иштирок намуданд.

ДАР ҚАБУЛИ САЙЁР МАСЪАЛАҲОИ ЗИЁД МАТРАҲ ГАРДИД

Бо ҷавонони маҳаллаҳои бахшҳои ноҳия суҳбати доманфарох барпо гардид. Ҳоким қайд намуд, ки мунтазам роҳандозии чунин чорабиниҳо дар ҳар як ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо барои ошкор намудани мушкилоти ҷавонон ва дарёфти роҳи ҳалли онҳо ҳамчун омили муҳим хидмат мекунад. Дар ҷараёни қабули сайёр роҳбари ҳар як бахш бо ҷавононе дидору мулоқот анҷом дод, ки дар маҳаллаашон ба ягон мушкил мувоҷеҳ шудаанд.

Дар ин чорабинӣ масъулони Қабулхонаҳои Президент ва Нахуствазири Ӯзбекистон, воқеъ дар ноҳияи Сӯх, роҳбарони корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо ширкат варзиданд. Онҳо низ дар мавриди ҳалли мушкилоти ҷавонон пиёда кардани чорабиниҳои лозимиро барномарезӣ намуданд. Гуфта шуд, ки бархе аз муроҷиатҳо омӯзиши ҷиддиро тақозо менамояд. Ҳамин тавр, ҳар як муроҷиати ҷавонон бевосита бо намояндаи идораҳои расмӣ таҳлил карда шуд.

Маълум шуд, ки ҷавонон дар бобати 116 масъалаи ҳаллашон ногузир муроҷиат ворид кардаанд. Хушбахтона, қисме аз муроҷиатҳо дар ҷараёни қабули сайёр ҳалли худро ёфтанд.

Ногуфта намонад, ки асоси муроҷиатҳо аз кумаки амалӣ дар ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ, ҷудо кардани субсидия барои дарёфти асбобҳои зарурии корӣ, таъмини манзил ва доштани суроғаи хусусии доимӣ, додани ҷойи кори доимӣ, расонидани кӯмак дар пардохти шартномаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муаррифӣ шуданд.

– Аз қабули сайёри роҳбарони бахшҳо ҷавонони зиёди ноҳия хушҳол шуданд ва қаноат ҳосил карданд. Ин ҷавонон масъалаҳоеро матраҳ намуданд, ки ҳалли он дар доираи ноҳия комилан имконпазир буд, – мегӯяд ёвари раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сариканда оид ба ҷавонон Ҳасанҷон Ҳаитбоев.

Субҳон ИСОЕВ,

ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ КОНСТИТУТСИЯ

Таҷлили ҷашни 32-солагии Конститутсияи Ӯзбекистон зери шиори «Қомуси мо – бахти мо», ки дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо иштироки устодону донишҷӯён, фаъолони Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё ва дигар намояндагони марказҳои миллию маданӣ гузаронида шуд, ба як ҷашни дӯстӣ табдил ёфт.

Сулҳу осоиштагии рӯйи замин тавассути инсондӯстӣ, меҳру муҳаббати байни ҳамдигарӣ ба амал меояд. Зеро дӯст доштан суннати ниёгони мо буда, бояд ҳар яки мо чунин фазилатро соҳиб бошем.

Дар кишвари мо баҳри пойдории дӯстиву рафоқат, мустаҳкам намудани арзишҳои миллӣ, дӯстии байни халқҳо, таҳаммулпазирӣ, башаргароӣ ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ ҳама шарту шароит муҳайё аст. Дӯстии байни халқҳои кишварамон идомаи дӯстии гузаштагони бузурги мо буда, имрӯзҳо бо сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишвар қавитару маъмултар мегардад. Ҳар як шахс ин хислатҳои наҷиби инсониро доро буданаш лозим, зеро табиист, ки дарахти дӯстӣ ҳамеша бор меоварад.

Рамазон АБДУЛЛОЕВ,
раиси Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё.

Озмунҳои давраи вилоятӣ

ОМАД БА ҒОЛИБОНИ ОЗМУН!

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад

Кори муаллимӣ шабеҳи деҳқонист. Деҳқон бо умеди ҳосили фаровон меҳнат кунад, муаллим маҳсули меҳнати худро дар дониши шогирдонаш мебинад. Гузаронидани озмунҳои фаннӣ бошад, ба он заминаи мустаҳкам шуда метавонад. Давоми се рӯзи ҳафтаи гузашта дар шаҳри Олмалиқи вилояти Тошканд муаллимони фаннӣ бо ҳаяҷони зиёд иштироки дастпарварони худро дар зинаи вилоятии озмунҳои фаннӣ муоина намуданд. Озмун дар қатори дигар фанҳо аз забон ва адабиёти тоҷик низ ташкил гардид. Дар он аз ноҳияҳои Бекобод, Бӯстонлиқ, Бӯка, Паркент, Чиноз ва шаҳри Ангрен ҷамъ 46 нафар хонандагони синфҳои 9-11 ширкат намуданд. Озмун дар ду зина гузаронида шуд: тест ва эссе.

Ҷиҳати фарқкунандаи озмуни имсола аз солҳои дигар он буд, ки ба ҷойи иншо эссе нависонда шуд. Ин дар назари мо хеле хуб аст. Зеро ҳангоми навиштани эссе на танҳо қобилияти эҷодкорӣ, балки дарачаи фикрронӣ ва савияи дониши хонанда боз аниқтару амиқтар муайян мегардад. Аз тарафи ташкилкунандагони озмун канал ташкил шуда, кори ҳар як хонанда пеш аз баҳогузорӣ он ҷо гузошта шуд, ки барои устодон хеле қулай буд.

Аз ҳама аҷибаш он шуд, ки имсол дар озмун ғолиби мутлақ шаҳри Ангрен гашт ва ин боиси фахри мост. Аз хонандагони синфи IX ҷойи аввал ба Сафина Тоҷиддинова бо 80 хол (муаллимаш Шаҳло Бобоҷонова, мактаби 17), ҷойи дуюм бо 79,1 хол ба Ойиша Шамсиддинова (муаллимаш Рухшона Абдуқодирова, мактаби 17) ва ҷойи сеюм бо 78 хол ба Муҳсина Абдулакимова (муаллимаш Фирӯза Марипова, мактаби 17) насиб гашт.

Байни хонандагони синфи X дар зинаи аввали ғолибият бо 83 хол Маҳмуда Эргашбоева (муаллимаш Рухшона Абдуқодирова), дар зинаи дуюм бо 82 хол Ойшабону Усанова (муаллимаш Рухшона Абдуқодирова) ва дар зинаи сеюм бо 74 хол Гулчеҳра Қутбиддинова (муаллимаш Садаф Тошматова, мактаби 39) ҷой гирифтанд.

Байни хонандагони синфи IX ҳам се нафар: Парасту Абдуллоҷонова (шогирди Рухшона Абдуқодирова), Марҷона Асатуллоева (шогирди Шаҳло Бобоҷонова) ва Марҷона Асатуллоева (шогирди Садаф Тошматова) байрақи ғалабаро аз даст нададоанд.

Ин се ғолибони номбурда шаъну шарафи мактаби худро акнун дар зинаи ҷумҳурӣ ҳимоя хоҳанд кард.

Дар ҳамин ҷо бояд қайд кунам, ки хонандагони синфи XI мактаби 17 боз се нафар аз фанҳои забони давлатӣ ва англисӣ низ ба зинаи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд.

Албатта, ин ҳама ғалаба худ аз худ ба даст намеояд ва аз устодон меҳнату машаққати зиёде талаб мекунад. Баъди ба охир расидани озмун бошад, онҳоро вазифадор мекунад, ки тайёрии шогирдони худро ба дараҷаи баланд бардорад, то дар зинаи ҷумҳурӣ низ сарбаландона ширкат варзанд.

Ба хонандагони синфҳои IX ва X «офарин» гуфта, ба хонандагони синфи XI омад металабем.

Фирӯза МАРИПОВА,
омӯзгори тоифаи олии фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби таълими умумии № 17 шаҳри Ангрен.



Дар бинои «Мономарказ»-и шаҳри Намангон дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» давраи вилоятии мусобиқаҳо дар самтҳои «Нонвоӣ», «Устои челонгар», «Устои монтажи барқӣ», «Дизайнерӣ» ва «Бинокори ҷавон» баргузор гардид.

Аз рӯйи самтҳое, ки Озмуни касбҳо бо мақсади боз ҳам афзун гардондани шавқи авлоди ҷавон ба ҳунаромӯзӣ муайян кардааст, 14 нафар ҷавононе, ки дар давраи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ғолиб омадаанд, иштирок карданд.

Озмун нафақат майдони рақобат қарор гирифт, айни замон барои афзун сохтани таҷриба ва ба даст овардани комёбӣ дар оянда қадами аввал низ гардид.

Хидмати ахбори Идораи кор бо ҷавонони вилояти Намангон.

ЧАРО АЗ ҚАШҚАДАРЁ ҒОЛИБИ ОЗМУН НЕСТ?!

Зинаи вилоятии озмун аз фанҳо миёни муҳассилони синфҳои 9, 10, 11-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар шаҳри Қаршии вилояти Қашқадарё бо шукуҳи хосе баргузор гардид.

Мактаби миёнаи рақами 42-юми шаҳри Қаршӣ мизбони ин чорабинии воло буд. Барои ба даст овардани ҷоизаҳои озмун аз шаҳру навоҳии вилоят даҳҳо нафар донишомӯзон гирдиҳам омаданд. Аз ҷумла, аз мавзеъҳои тоҷикнишини вилояти Қашқадарё чун Деҳқонободу Шаҳрисабз, Китобу Нишон низ хонандагони мактабҳои тоҷикӣ ширкат варзида, дониш ва маҳорати худро аз фанни забон ва адабиёти тоҷик санҷиданд.

Дар сабқат синфи 11-ро 13 нафар муҳассилон (ғолибони озмуни ноҳиявӣ) намояндагӣ карда, аз рӯйи ду бахши озмун вориди мусобиқа гаштанд. Онҳо ба саволномаҳои тест, ки Вазорати таълим тақдим кардааст, посух доданд. Чуноне маълум гашт, саволҳо барои хонандагон ғайриинтизор буданд ва онҳо чашмдор набуданд, ки як қисми бештари онҳо адабиёти ҷаҳонро дарбар мегиранд. Солҳои қаблӣ саволномаи тест дар доираи адабиёти форсию тоҷикӣ матраҳ гашта ва хонандагон низ дар донистани ҳамин қисмати фан тамаркуз гирифтаву посухи хуб медоданд.

– Ҳамин ғафлатгир кардан ҳамаро дар ҳайрат гузошт ва кунун хонандагон мутмаин гаштанд, ки санҷишоти тест метавонад ҳар замон ба самте майл кунад. Бинобар ин, хондани тамоми бахшҳои адабиёт хеле зарур аст, – гуфт Ҳамид Холмӯъминов, узви доварон ва омӯзгори забон ва адабиёти мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонобод. Аммо назар ба гуфтаи ӯ, навиштани эссе дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар озмуни имсола як падидаи наве буд ва хонандагон дар навишти чунин асари публитсистӣ омодагии хубе надоштанд. Даст кашидан аз мавзӯъҳои қолабии пешин ва рӯ овардан ба мавзуоти иҷтимоие, ки ҳаёти имрӯзи моро фаро мегиранд, боз ҳам хонандагонро шитобзада кард.

– Агар хонанда саводи баланди хаттӣ ва ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад, метавонад, дар ҳар мавзӯи пешниҳодшуда фикри худро рӯйи коғаз оварад. Дар ин маврид набояд аз касе домангир шуд, – гуфт Ҳ. Холмӯъминов.

Мавзӯъҳои эссе, ки хонандагон бояд нависанд, замонавӣ буданд. Масалан, аз донишомӯзон талаб мешуд, ки дар бораи «Экотуризм ва ҳифзи табиат: имконот ва хатарҳо», «Тарзи ҳаёти солим: сиёсати давлат бояд ё масъулияти шахсии ҳар фард»... Ва ба ин монанд чандин мавзӯъ пешниҳод шуданд, ки аз хонандаи имрӯза ҷаҳонбинии васеъ ва фикри мустақилро талаб мекунанд. Аммо худи жанри эссе барои донишомӯзон нав будааст ва аксари онҳо аз моҳияти он бехабар буданд. Аз ин ҷост, ки дар навишти эссе дар мавзӯи матлуб ба мушкилӣ гирифтор шудаанд.

Имтиҳони тест ва иҷрои кори хаттӣ (навиштани эссе) дар байни хонандагони синфҳои 11 бо чунин натиҷаҳо ҷамъбаст гардид: Зафар Амонов муҳассили мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонобод аз саволҳои тест 35,1 хол ва аз навишти эссе 45 хол ҷамъ оварда, сазовори ҷойи аввал гардид. Ҷойи дуюм дар байни хонандагони синфи 11 ба донишомӯзи мактаби рақами 52-уми ноҳияи Китоб Райҳон Давлатова дода шуд, ки мавсуф дар маҷмӯъ ба гирифтани 69,2 хол муваффақ гардид. Шоҳҷаҳон Раҳматуллоев аз мактаби рақами 30-юми ноҳияи Китоб бо ҷамъоварии 61,4 хол зинаи 3-юмро аз забон ва адабиёти тоҷик забт намуд. Ин донишомӯзон барои ширкат дар зинаи ҷумҳуриявии сабқат роҳхат гирифтанд.

Натиҷаи озмун дар байни синфҳои 11 нишон дод, ки намояндагони ноҳияҳои Нишон ва Миришкор аз фанни забон ва адабиёти тоҷик саводи нисбатан паст доранд ва зинаҳои аз ҳама поёнро ишғол намуданд. Таҳлили ин арқом нишон медиҳанд, ки дар мактабҳои баъзе ноҳияҳо ба таълиму тадриси фанни забон ва адабиёти тоҷик аз паси панҷа менигаранд ва ё дар интихоби беҳтарин хонанда дар зинаи ноҳиявии озмун ба хато роҳ медиҳанд. Дар ҳар ҳолат дониши назариву хаттии муҳассилони ширкатдошта ҳанӯз қонеъкунанда набуда, ҳам аз ҷониби омӯзгорон ва ҳам шогирдони онҳо заҳмати бештре талаб мекунад.

Омӯзгорони фанни забон ва адабиёт дар он назаранд, ки кам карда шудани соатҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик ягона сабаби паст рафтани дониши муҳассилон мебошад. Масалан, барои хонандагони синфҳои 9-уми мактабҳои тоҷикӣ солҳои қаблӣ дар як ҳафтаи хониш 9 соат дарси забон ва адабиёт ҷудо карда шуда буд. Кунун панҷ соати онро ихтисор намудаву ба 4 соат поин овардаанд.

Таҳлили натиҷаи саволномаҳои тест ва эссе (хаттӣ) дар синфҳои 9 ва 10, ки хонандагон дар озмуни вилоятӣ дониши худро санҷиданд ва доварон ба таври шаффоф баҳогузорӣ намуданд, низ мояи нигарониҳост. Ба саволи «чаро аз байни ғолибони озмуни зинаи вилоят, ки аз Қашқадарё ба сабқати ҷумҳурӣ роҳхат гирифтаанд, солҳои охир касе муваффақ намегардад?» – ҳама китф дарҳам мекашанд ва посухи мушаххасе надоранд. Мо минбаъд ба ин ҷиҳати масъала зиёдтар таваҷҷуҳ хоҳем кард ва омӯхтаву муайян мекунем, ки айб дар ош аст, ё дар мош?!

Вақти он расида, ки бедор шудаву дар пайи тармим ва тамрини забони миллии худ гардем ва ба омӯхтани забон ва адабиёти ғании миллатамон иқдом намоем. Агар дар ин мавзӯъ назаре доранд, аз омӯзгорони арҷманд хоҳиш мекунем, ки лутфан андешаҳои худро нависанд ва дар бартараф сохтани мушкилот дасти ҳам бигиранд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Ахлоқ

ШИКАСТАНАФС БОШЕМ!

Шикастанафсӣ ё худ ҷилавгирӣ аз нафс аз мавзӯъҳои доманадорест, ки дар адабиёти классикии мо хеле васеъ ва равшан маънидод гардидааст. Чун ба осори гузаштагонамон таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки ин мавзӯъ ҳамаҷониба баррасӣ шудааст, намояндагони адабиёти пурғановати мо одатҳои пурхӯрӣ ва баднафсиро бо мисолҳои барҷаста зикр кардаанд, ки онҳо барои наслҳои оянда дастурамали хубанд.

Луқмони Ҳакиму Закариёи Розӣ, Шайх Абуалӣ ибни Синову дигар табибони машҳури мо гаштаву баргашта таъкид намудаанд, ки манбаъ ва асоси аксари бемориҳо аз пурхӯрист ва одамӣ бояд аз ин иллати зиёновар худдорӣ намояд, яъне нафси саркашро ҷилавдорӣ кунад. Шоире дар ин маврид хеле хуб гуфтааст:

Агар нафси шикаста раҳнамо буд,
Туро осудаҳолӣ то само буд.
Ҷу нафси саркашат андар миён аст,
Гумон дорам туро охир ҷазо буд...

Дуруст аст, ки алҳол замони серию пурист. Болои дасторхони мо тамоми нозу неъмати дунё фаровон аст. Вақте нафаре дар тараддуди маъракае омодагӣ мегирад, якду рӯз пеш хешовандону пайвандонро ба оши маслиҳат даъват менамояд. Дуруст, ки дар урфият «Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ наояд» гуфтаанд. Аммо сад афсӯс, ки ин анъана танҳо як навъ исрофкорист. Дар асл бошад, соҳибони тӯй пас аз гусели меҳмонҳо бо аҳли оила рӯйхати дарозе тартиб медиҳанд ва аллакай пагоҳи ҳамон рӯз мебинед, ки тамоми анвои хӯрдании дунё рӯйи дасторхон омода гардидааст.

Ба хотири ҳеч кас намеояд, ки он маҳсулоти хӯрдании соҳибтӯй баъди соатҳои дароз ба кадом ҳолат меояд. Ин ҳақиқати талхро бояд, ки тан бигирем.

Аммо афсӯс, ки ҳоли ҳозир ҳам оилаҳое вуҷуд доранд, ки ба пораи ноне зоранд ва шабу рӯз аз Яздони пок илтиҷо менамоянд, ки ба оилаашон ризқ ато намояд. Суоле ба миён меояд: Барои чӣ, вақте дасторхони шоҳона меороем, аз бенавоён ёд намеорем? Ё худ вақте дасторхон меороем, одамонро ба тоифаҳо ҷудо мекунем? Ҳамаи мову шумо инро борҳо шунидаему ба лавҳи хотир гирифтаем. Аммо барои чӣ амал намекунем?

Чаро одамонро ба тоифаҳо ҷудо мекунем? Ба бархе ҳатто тамаллуққорему ба баъзе бо назари паст ва безътиборӣ менигарем. Оё ин аз рӯйи адолат аст?

Ин як тарафи масъала. Тарафи дигари масъала: алҳол нафароне низ ҳастанд, ки ба имконияти иқтисодии худ ба маънии «ман аз кӣ камам?» амал мекунанд, бо қарзу қарздорӣ дасторхон меороянд ва ба исрофкорӣ роҳ медиҳанд.

Боре омӯзгоре дар суҳбат бо афсӯсҳо чунин эътироз мекард:

– Ман ҳайрони онам, ки ба мардуми мо чӣ шудааст? Хайр, агар тӯй бошад, мо ҳам мефаҳмем. Аммо дар маросимҳои гуногуни мотам низ чун тӯй дасторхони пурдабдабаи шоҳона меороем. Барои чӣ пирони рӯзгардида ва одамони синну солашон бузург ин масъаларо ба мардуми одӣ намефаҳмонанд. Охир, дар урфият беҳуда нагуфтаанд: «Дасторхони мурда дароз аст...» Пас чаро меоянду мехӯранду мебаранд... Ҳол он ки ин маъракаи хурсандӣ нест, соҳибони он азодоранд.

Хонандаи азиз доир ба ин мавзӯъ чӣ фикру андеша дошта бошад.

Солеҳ МУҲАММАДҶОН,

ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

ӘҲТИРОМ БА МУҲАДДИСИ БУЗУРГ

Қарни 9-уми милодӣ дар рушди илми ҳадисшиносӣ давраи тиллоӣ ба шумор меравад. Боиси хушнудист, ки ҳамватани мо алломаи Шарқ Имом Бухорӣ бо «Ал-ҷомеъ-ас-саҳеҳ», ё «Саҳеҳи Бухорӣ»-и худ дар олами дини мубини ислом машҳур шудааст. Чанде пеш мо ба деҳаи Хартанг сафар кардем, ки онҷо қабри аллома мавҷуд аст.

Зиёратгоҳи мазкур дар ноҳияи Пайариқ ҷойгир буда, роҳи мумфарш, васеъ, равон, ки дар ду бари он дар тирамоҳи заррину хазонрез низ гулҳои тару тоза нашъунамо доранд, диққату эътибори касро ба худ мекашад.

Чунин ба назар мерасад, ки барои бунёди шаҳраки замонавӣ ба ин ҷо сохтмончиён ва тамоми техникаи пуриқтидор ҷалб карда шудаанд.

– Ин корҳои ободонсозӣ бо ташаббуси сарвари давлат оғоз ёфтанд, – мегӯяд котиби матбуоти маҷмааи Имом Бухорӣ Шерзод Маматов. – Ҳар боре, ки Президент ба шаҳри Самарқанд ташриф фармоянд, албатта, қабри алломаи бузурги ҳадисшинос Имом Бухориро зиёрат мекунанд. Бо таклифу пешниҳодҳои судманди муҳтарам Шавкат Мирзиёев мутахассисони соҳаи меъмории ҷумҳурӣ ва хориҷӣ ба ин кори хайр ҷалб шудаанд.

Имрӯзҳо бинокорони гулдаст дар се баст кор мекунанд, то дар арафаи иди Наврӯзи оламафрӯз маҷмаа ба истифода супурда шавад. Барои бунёди шаҳраки замонавӣ 6 гектар замин ҷудо карда шуд, ҳоло масҷид барои 10 ҳазор намозгузор, чаҳор манора, ки баландии ҳар кадом 75 метр аст, 7 меҳмонхона, 20 меҳмонхонаи оилавӣ, 3 чойхона, истгоҳ барои нақлиёти ҷамоатӣ ва шахсӣ, иншооти гуногуни хидматрасонӣ сохта мешаванд.

Мақбараи Имом Бухорӣ низ симои худро тағйир медиҳад. Ба ҷойи мақбараи аввал, ки масоҳаташ 9 бар 9 ва баландиаш 10 метр буд, мақбараи нав дар сатҳи 14 бар 14 ва баландии 25 метр бунёд шуд, дар атрофаш боғи сайругашт ва дар он ниҳолҳои гуногуни мевадеҳу манзаравӣ нишондем.

Шерзод Маматов таъкид намуд, ки дар шафати маҷмӯаи навбунёд Маркази байналхалқии тадқиқотии илмию амалии Имом Бухорӣ низ ҷойгир аст, ки бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ ва ташаббуси Президент ташкил ёфт. Ҳоло дар ин маскани маърифат толибилмони на танҳо кишвари мо, балки давлатҳои хориҷӣ низ сабақ мегирад.

– Замоне ҳамватанамон Имом Бухорӣ барои дониш омӯхтан ба мулки араб азми сафар карда буд, – гуфт мудири шуъбаи нашрияи марказ Санҷарбек Ҷуманов, – ҳоло, баъди ба истиқлол расидан донишомӯзон ба Самарқанд меоянд. Дар маскани мо барои хондан, зистан ва истироҳат кардану бо варзиш машғул шудан тамоми шароит мавҷуд. Мо бо дастхатҳои нодир ва китобҳои муқаддаси китобхона ҳар қадар ифтихор кунем, меарзад. Дар ҷевони китобхонаи мо 43 номгӯй асарҳои султони ҳадисшиноси олам, фарзанди фарзонаи Бухорои шариф, алломаи Шарқ Имом Бухорӣ, 655 дастнависи қадима, 134 ҳазор адад нусхаҳои электронии дастнависҳои олимону пажӯҳишгарон нигоҳдорӣ мешаванд, ки як қисми онҳо аз хориҷа оварда шудаанд. Риштаҳои дӯстиву ҳамкорӣ бо Ҳиндустон, Миср, Арабистони Саудӣ, Англия, Русия, Амрико, Ҷопон ва дигар кишварҳои ҷаҳон сол то сол мустаҳкамтар мешаванд.

Дар тӯли солҳои охир бо ташаббуси маркази мо 670 тадбиру анҷумани илмию амалӣ гузаронида шуданд. Дар марказ 8 нафар рисолаи номзадиро дифоъ кардаанд. Қариб 20 нафар бо корҳои илмӣ машғул ҳастанд.

– Хуб мешуд муштариёни «Овози тоҷик»-ро бо иртибот ба ин мавзеъ бо Имом Бухорӣ шинос мекардед.

– Имом Бухорӣ ҷумъаи 13-уми шавволи соли 194-уми ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 21-уми июли соли 810-уми милодӣ чашм ба олами ҳастӣ кушода, аз бачагӣ ба илми ҳадисшиносӣ шавқу ҳавас зоҳир намуд. Вай ҳофизаи қавӣ дошт, дар ҳафтсолагӣ Қуръонро ҳифз кард, дар 10-солагӣ аллакай ҳазорҳо ҳадисро азёд медонист.

Чун 16-сола шуд, бо ҳамроҳии модар ва бародараш Аҳмад азми сафари ҳаҷ намуд. Ӯ дар назди Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, ки 30 ҳазор ҳадисро медонист, таҳсил гирифт. Воқеан, ба қавли худи Имом Бухорӣ, ӯ тӯли қариб 20 сол аз 1800 устоди соҳибтаҷриба ва донишманду машҳури замонаш сабақ гирифтааст.

Дар бораи нируи ҳофизаи Имом Бухорӣ нақл мекунанд, ки дар Бағдод, ҳангоми ҷамъ омадани беш аз 400 нафар донандагони ҳадис, ӯ ба нақли онҳо иловаҳо дароварда, ровиёнро тавре номбар кардааст, ки дар ҳеч санад ё худ матн заррае нуқсон роҳ надодааст.

Ривоят ҳаст, ки амири Бухоро Абутоҳир Аз-Зуҳлӣ аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ба дарбор рафта, ба фарзандони вай таълиму тарбият диҳад, вале аллома аз ин кор рӯ тофта озими Самарқанд мешавад. Дар маҳаллаи Хартанг чанд муддат дар оилаи хешу пайвандон умр ба сар бурда, дар ҳамин ҷо соли 870 вафот кардааст.

Дар замони ҳукмронии давлати шӯравӣ мақбараи Имом Бухорӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода, ба харобазор табдил ёфта буд.

Хушбахтона, Президенти мамлакати Индонезия ҷаноби Сукарно соли 1967 ба Маскав омад ва гуфт, ки нияти зиёрати қабри Имом Бухорӣ дорад. Баъд аз ин собиқ роҳбарони Ӯзбекистон ба корҳои ободонию кабудизоркунӣ ва ба тартиб овардани зиёратгоҳи мазкур машғул шуданд.

Соли 1974 дар Самарқанд бахшида ба 1200-солагии Имом Бухорӣ анҷумани байналхалқӣ ба вуқӯъ пайваст.

Вале бояд эътироф кард, ки корҳои муҳими ободонию дигаргуниҳои азим маҳз солҳои охир муташаккилона ба роҳ монда шуданд.

Аз соли оянда маҷмааи Имом Бухорӣ сайёҳони хориҷиро низ қабул мекунад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.



ЛАТИФА

Мушфиқӣ ба занаш гуфт:
– Занакҷон, ду хабар дорам. Якеаш хуб, дигараш бад. Аввал кадомашро бигӯям?
Зан:
– Мардакҷон, аввал хубашро гӯед.
Мушфиқӣ:
– Занакҷон, ман барои ту занҷири тиллоӣ харидам.
Зан:
– Мурам ба шумо, мардакҷон, акнун метавонед бадашро гӯед:
Мушфиқӣ:
– Бадаш ин, ки дурӯғ гуфтам.

Таҳияи **АРДАШЕР.**

Фаридуддини Аттор

Насиҳат

Он, ки дар банди дилозорӣ бувад,
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.
Эй писар, қасди дилозорӣ макун,
В-аз Худои хеш безорӣ макун!
Хотири касро маранҷон, эй писар,
Варна хӯрдӣ захм бар ҷон, эй писар!
Номи мардум ҷуз ба некӣ мабар,
Гар ҳамехоҳӣ, ки гардӣ муътабар.
Қуввати некӣ надорӣ, бад макун!
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун!
Рав, забон аз ғайбати мардум бибанд,
То набинӣ дасту пойи худ ба банд!
Ҳар кӣ аз ғайбат забонаш баста нест,
Он чунон кас аз уқубат раста нест!

Биё...

Ахтаре андар шаби торат шавам,
Дар шаби торик шарорат шавам.

Чархи гарон кард сияҳ рӯзи ту,
Нури гуҳарбори канорат шавам.

Нест чароғон агар хонаат,
Шамъи дурахшон ба канорат шавам.

Гӯй, ки: «Армон шуда васлат маро»,
Шӯъла ба чашмони хуморат шавам.

Кош, шавам мурғаки илҳоми ту,
Шеъри тари оинадорат шавам.

Дидаи ту хоб надорад агар,
То ба саҳар савти ҳазорат шавам.

Бе ман агар тира шавад рӯзи ту,
Рӯзу шаб андар сари корат шавам.

З-олами рӯёӣ биё пеши ман,
Лутф кунам, ҷо ман ба канорат шавам.

Лутфияи БУХОРОӢ
Вилояти БУХОРО.

Шукрона кун...

Шумтарин ҳарфе ба дунё ғайри ҳарфи ҷанг нест,
Ҷангро хоҳад касе, ки дар сараш фарҳанг нест.

Миллате бошад ба дунё кинахоҳу ҷангҷӯ,
Дар миёни халқи дунё мешавад беобрӯ.

Бомбаҳо тарканд ҳоло ҳар кучо дар ин ҷаҳон,
Халқ оғушта ба хун дар зери хоку хонаҳо.

Сулҳ бошад ҳар кучо, он ҷо каси дилтанг нест,
Дар кучое ҷанг бошад, зиндагӣ хушранг нест.

Раҳму шафқат рафтааст аз қалби насли одамин,
Ҷанг дорад ӯ барои молу зар, баҳри замин.

Ҳаст дар ҳар гӯшаву кунҷи ҷаҳон ҷангу ҷидол,
Кас наметонад кунад як сайругашти бемалол.

Ту аз ин гулгашту гулзору чаман шукрона кун,
Ту аз ин сулҳу амонии Ватан шукрона кун.

Ансор СОБИРОВ,
ноҳияи САМАРҚАНД.

ТӮМОРИ ИШҚ

Фарёд макун, ки ғунчаҳо намурдаанд,
К-андар дили мо чӣ орзуҳо мурдаанд.
(Лоиқ)

(Тарона)

Оре, дигар аз фарёду оҳ суде нест. Солҳову моҳҳо, рӯзҳо ва соату дақиқаҳо пайиҳам мегузаранд. Ишқи ману ту мисли худамон дигар ҷавон нест... Хотираҳо... Магар гузаштаву имрӯзаро ба ҳам намепайванданд?!

Аз ишқи ману ту то кунун хотираҳои нек боқӣ монд. То ҳол дӯстонам мепурсанд, ки чӣ шуд? Охир мо ҳама ба ишқи бегазанди шумоён ҳавас мекардем. Ҷавоб яктост: Чашм расид!

Баъди чанд соли ҷудоӣ бо ту ман боз ба шаҳри ҷавониам, шаҳре, ки дар он лаҳзаҳои беҳтарини умрам сипарӣ гардидаанд, омадам.

Салом, эй кӯчаҳои пур аз меҳру ишқ боз ба дидори ту, ки ба дилам оташи муҳаббат афрӯхта будӣ, омадам!

Дар он гулгашту кӯчаву хиёбонҳо, ки бо ту паймудаам, қадам задам. Хаёламро он рӯзҳо бурд. Чӣ лаҳзаҳои хушу гуворо буданд. Ману ту паҳлӯи ҳам даст ба даст дар ин гулгашту хиёбонҳо қадам мемондем.

Он маҷнунбеду хиёбонҳои шаҳри ҷавонӣ дигар нест, ки аз муҳаббати ману ту қисса кунанд. Он курсиеро, ки ману ту нишаста «рози дил» мекардем, дигар наёфтам. Фақат ягона нишона ҳамон истгоҳ мондааст , ки аз он ҳар рӯз туро ба хонаатон гусел мекардам. Шаҳр куллан дигар шудааст. Хонаҳо осмонбӯс, кӯчаҳо васеъ ва пур аз гулзор. Гӯё ҳамон лолаҳое, ки рӯзи мавлудат ба ту ҳадя карда будам, ҳамон лолаҳое, ки рӯзҳои наомаданат дар дастам «пажмурда» шуда буданд, гулгаштҳои шаҳрро аз нав оро медиҳанд.

Шоире фармудааст: «Муҳаббат қуллаи дастнорас аст», вале дастҳои мо ба ҳам расиданду дасти диламон нарасида будааст.

Акнун, ки солхӯрдаем, ба қавли устод Лоиқ «ё солхӯрда моро» фақат аз он рӯзҳои хубтарини ҷавонии ману ту хотираву ёдҳо мондаанд.

Ман имрӯз боз туро ёд кардам ва ишқи нокомро рӯйи коғаз овардам. Фақат хоҳише дорам. Баъди хондани нома гиря макун.

Бигузор ин, мактуби вопасин ҳамчун тӯмор аз ишқи ҷовидонаи ману ту ба ёдгор монад. То сонияву дақиқаву рӯзу моҳу солҳоро эҳсос кунӣ. Эҳсос кунӣ, ки бо чӣ андоза туро дӯстат медоштам...

Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.
Вилояти ҶИЗЗАХ.



Узви Иттиҳодияи «Ҳунарманд», устои когонӣ – Шавкат Ашуров сулолаи охирини оилаи дуредгарон дар бахши санъати амалии халқ мебошад. Устои моҳир дар тӯли умр ҳунари нодири аҷдод – кандакорӣ дар бахши чӯбро аз падараш – Ҳаким Ашуров дақиқ омӯхт. Имрӯзҳо саъй дорад, ки ин ҳунарро ба насли ҷавон интиқол диҳад.

Маҳсули дасти уста – «Хонтахтаи шоҳӣ», «Оинаи нақшдор», «Лавҳ», «Дарвозаи биҳишт», «Қуттии гулдор» бозгӯйи ҳунари волои ӯянд. Шавкат Ашуров бо маҳсули меҳнати хеш дар намоишгоҳҳои ҳунари амалии халқ, ки дар Итолиё, Венгрия, Малайзия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор шудаанд, ширкат ҷуста, ба назари мутахассисони соҳа афтодааст.

Дар акс: *устои когонӣ* ***Шавкат Ашуров*** *дар коргоҳи худ.*

«ДАР ҲУНАР КӮШ, К-АЗ ҲУНАРМАНДӢ...»

Дар дунё чӣ бисёр – ҳунар. Аммо ба ҳама ҳам аз паси ҳунар ҳурмату сарват пайдо кардан муяссар намешавад. Мардум ба ҷодаи ҳунаре қадам ниҳодан ва бо заҳмату дилгармӣ соҳиби эҳтиром шуданро аз сарнавишт медонанд.Қаҳрамони мо, устои машҳури ҳунари гаҷкорӣ Амриддин Наҷмиев тавассути ҳунари волои худ ном бароварда, соҳиби ҳурмату эҳтироми халқ ва мукофотҳои давлатӣ шудааст.



Боиси хушнудист, ки рӯйхати корҳои эҷодиаш хеле доманадор аст. Ӯ дар ороиши истгоҳи «Пахтакор»-и метрои Тошканд, тарабхонаи «Нилуфар»-и Бухоро, меҳмонхонаи «Интурист»-и Шаҳрисабз, бинои театри ба номи Лоҳутии Душанбе, иншооти «Золотая Бухара»-и Маскав, масҷиду мақбараҳои Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ дар Бухорои шариф саҳми назаррас гузоштааст.

Хеле мехостам, ки дар бораи ин ҳунарманди маъруфу маълум, ки бо фармони саркори давлатамон бо ордени «Дӯстлик» сарфароз гардонда шудааст, чизе нависам. Бо ҳамин мақсад ҳамроҳи устод Адаш Истад, ки шефтаи ҳунарҳои халқӣ аст, роҳи эҷодхонаи ӯро, ки дар рӯ ба рӯйи маҷмӯаи меъмории Регистон – дар бинои шуъбаи вилоятии Академияи бадеии Ӯзбекистон воқеъ аст, пеш гирифтем. Вақте ки ангушт ба дари ҳуҷраи уста Амриддин задем, соҳибхона – марди чорпаҳлӯи болоқад, фарохсина, кулчарӯю мешчашм бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт ва бино ба расми хуби тоҷикон, ба дарун ҳидоят намуд.

Эҷодхонаи ӯ муҷаз, лекин ҷолиби диққат, деворҳои онро акси ёдгориҳои таърихии Самарқанд, иншооти таъмиршудааш, ҳайкалчаҳои гуногун, асбобҳои корӣ, зеб медоданд.

Суҳбати мо бо наққош доир ба меъмории миллӣ, саҳеҳтараш, ҷузъи муҳими он – ҳунари гаҷкорӣ, ки уста бо он сарукор дорад, ба қавле, қаймоқ баст.

Дар луғату китобҳо омадааст: гаҷкорӣ навъи маъмули ҳунари ороишӣ аз маводи гаҷ, ки дар тазйини иморатҳои гуногун истифода мешавад, аз аҳди қадим чун навъи баргузидаи ҳунари ороишӣ равнақ ёфтааст. Намунаҳои олии он дар кохҳои бостонии Афросиёб (Самарқанд), Ҳайратон (Тирмиз), Варахша (Бухоро), инчунин Панҷакент, Хуҷанд, Тахти Сангин ба назар мерасанд. Гаҷ масолеҳи сохтмону ороишии пурбаҳо ва дилрабост. Устои моҳир қодир аст онро ба ҳар шакл дарорад. Устоҳо дар коху кӯшкҳо анвои гуногуни ин ҳунарро ба кор мебурданд, ки аз муассиртарин намунаҳои санъати ороишӣ дар таърихи тамаддуни мардумони эронӣ ва ҷаҳонист.

Санъати гаҷкорӣ дар асрҳои XIII-XV шаклу моҳияти тозаи ороишӣ касб намуд, ки намунаҳои олии он дар биноҳои маъмурию таълимии ин асрҳо боқӣ мондаанд.

Гаҷбурӣ бошад, ҳунари сохтану таҳия кардани гаҷ ба сақфу деворҳои бино аст. Ин намуди ҳунар дар ҳар минтақаву давру замон шаклу шеваи хоси худро дошт. Дар Осиёи Маркази гаҷбурӣ аз аҳди қадим равнақ ёфта буд. Навъи беҳтарини гаҷ – «гултубакча»-ро, ки бисёр сафеду нарм аст, ба кор мебаранд.

– Устоҷон, – луқма партофтем мо, – ба меҳнати душвор шояд музди хуб медиҳанд?

– Албатта, – бо завқ хандид уста Амриддин, – «себама хӯрдӣ, пулаша те!» гуфтагӣ гапҳо ҳаст. «Ҳаққи хидмат»-ро бояд бо ҳамкорон аз рӯйи адолат тақсим намуд. Устодони ман ба ин маънӣ байтҳои зайлро замзама мекарданд:

Чун теша ба сӯйи хеш доим матарош,
Чун ранда зи кори хеш бебаҳра мабош.
Пайваста чу арра бош дар илми маош,
Гоҳе сӯйи худ ҳамекашу гоҳ бипош.

Баъди он, ки ҳама завқ карда хандидем, мусоҳиби мо гуфт, ки чанде қабл аз ин гурӯҳи ӯро ба пойтахти Русия барои гаҷкории иншооти калон даъват кардаанду вале савдо, ба қавле, «напухтааст». Соҳибкорон гумон кардаанд, ки худи нархи билети ҳавопаймо маҷбур мекунад, ки устоҳо ноилоҷ, бемаош кор кунанд. Уста Амриддин билет гирифта, ба он шахси кӯтоҳандеш фаҳмондааст, ки тушбераро хом шумурдай ва ба зодгоҳ баргаштааст.

– Устои ҳалолу чашмикордон дар ҳама ҷо лозим, – мегӯяд уста Амриддин. – Агар хотирам фиреб надиҳад, соли 1989 дар сохтмони фароғатгоҳи Комбинати абрешими Хуҷанд иштирок намудам. Дар ин шаҳри бостонӣ ҷавонони маҳаллиро ба шогирдӣ гирифтам. Бовар кунед, мақоли «турфа шогирде, ки ба ҳайрат оварад устодро!» тасдиқи худро ёфт. Бародарон Абдусаттору Абдуқаххор, Фозилу Хусейн, Мирзораҳим ва Абдуқодир Қодировҳо дар ҷараёни кор ҳунари гаҷкории миллиро пухта омӯхтанд ва дар Хуҷанд ном бароварданд.

Ҳамкасбони ман шурӯъ аз кашидани нақши композитсия то пардози охирини кор, ба ҷуз андозагирӣ ва интихоби масолеҳ, ҳашт намуди амалиётро давра ба давра анҷом медиҳанд. Гаҷкорӣ хонаро рӯшантар мекунад. Ҳамкоронам аз намудҳои хокаи гаҷ як навъи маҳини онро, ки гулгаҷ ном дорад, истифода мебаранд.

Мо ҳамчунин огоҳ шудем, ки уста Амриддин дар гаҷкории гунбазу меҳробҳои масҷиди ҷомеи Шайх Муслиҳиддин, тармими девору дарвозаи Қалъаи Темурмалик дар Хуҷанд, масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуби шаҳри Душанбе саҳм гузоштааст.

Солҳои фаъолияти уста дар Тоҷикистон мушкилоти рафту омад вуҷуд дошт...

Сипос роҳбарони ду кишварро, ки имрӯз барои рафтуомади озодонаи шаҳрвандони ду ҷумҳурӣ ва саёҳату тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

– Ҳоло бо шогирдони хуҷандӣ риштаҳои дӯстӣ мустаҳкам мегардад, – бо ҳисси шодмонӣ гуфт уста Амриддин, – охир дӯстии халқу мамлакатҳо омили пешравист. Аҷиб дунё, гӯё динекак худам навшогирд будам, имрӯз шогирдони бисёр дорам.

Вақте сухан дар бораи устоду шогирд рафт, устод Адаш Истад воқеаи аҷиберо нақл карданд.

– Чанде пеш уста Амриддин яке аз шогирдони худро аз гурӯҳ пеш кард. Бисёриҳо ҳайрон шуда сабаб пурсиданд. Ҳатто баъзе шахсони наздику баландмартаба ба миён даромада, аз уста хоҳиш карданд, ки гуноҳи шогирдро бахшад. Вай гуфт, ки арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва ахлоқу одоб – аз бачагӣ. Сонӣ, барои касе, ки ин касбро муқаддас намеҳисобад, дар мактаби ман ҷой нест!

Фаромӯш накунем, ки маънои вожаи академия ҳам мактаб аст. То вақте ки уста Амриддин барин шахсиятҳои серталаб, иродаашон қавӣ, бо аҳду вафо ҳастанд, дар ин академия ҷавонони хуб ба камол мерасанд.

– Ман ҳангоми шогирди устоён Анвар Қулиев ва Мирусмон Асадов будан, – аз нигоҳи суоломези мо рамуз гирифта, гуфт уста Амриддин, – на танҳо асрори гаҷкорӣ, балки зиндагӣ низ омӯхтам. Солҳои шогирдӣ аз Самарқанд то деҳаи Хартанг – манзили охирати аллома Имом ал-Бухорӣ, бештар пиёда мерафтем. Зеро он вақтҳо мошин кам буд. Аз 12-14 солагӣ ҷабри роҳу устодро кашидем. Ва шоҳиди он гардидем, ки устодони яврак кафши шогирди булҳавас, фикраш вайронро, бидуни андеша, пеш мегузоштанд.

Ана барои чӣ бо сабуксарӣ, нодонӣ, худбинӣ, хиёнат, дурӯғгӯӣ барин хислатҳои бади инсонӣ муросо намекунам ман.

Дар рафти суҳбат уста Амриддин гуфт, ки устоён Анвар Қулиев ва Мирусмон Асадов аз шогирдони уста Ширин Муродови бухоронӣ буданд. Дар Ӯзбекистон мактабҳои гаҷкории Хоразм, Фарғона, Бухоро машҳур, ҳоло донандаи беҳтарини услуби бухоронӣ уста Амриддини самарқандӣ мебошад. Уста Амриддин бо устоди худ Мирусмон Асадов мадрасаи Тиллокорӣ, масҷиди ҷомеи Бибихонумро тармим ва таъмир кардааст. Бино ба нақли ӯ, уста Мирусмон Асадов ороиши қасри Арбобро дар Хуҷанд, театри ба номи Лоҳутӣ ва чойхонаи машҳури «Роҳат»-ро дар Душанбешахр анҷом дода будааст. Боиси ифтихор аст, ки намунаҳои ҳунари волои уста Амриддинро дар Русия, Украина, Амрико, Қазоқистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон дидан мумкин аст.

Доир ба ҳунари волои уста Амриддин санъатшиносони хориҷӣ низ мақолаҳо чоп кардаанд.

– Дар дунё одамони савобталаб, покдил, хоксору ҳимматбаланд бисёр, – мегӯяд уста Амриддин, – яке аз онҳо сокини Бухорои шариф Бахтиёр мебошад, ки ӯ ба ман барои пайдо кардани ганҷинаи бебаҳои мероси устоҳои қадим кӯмак расондааст. Ҳоло онҳоро чун гавҳараки чашм нигоҳ дошта, дар таъмири ёдгориҳои таърихӣ истифода мебарам. Нақшу нигори миллии халқи мо кӯҳнашавӣ надорад. Низомии Ганҷавӣ чӣ барҳақ фармудааст:

Дар ҳунар кӯш, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Дар чорсӯйи зиндагӣ

МАРО БУБАХШ, МОДАРҶОН!

Ситора бо дастони ларзону дидаи гирён ба модараш мактуб навишт:

– Модарҷон, имшаб дар сарҳадҳои танҳоӣ хоби даҳшатноке дидам, дили озурдаамро, ки ормонҳояш ба сароб табдил ёфта буданд, сахт ба оғӯш гирифта, ба сӯйи ту ҳаракат кардам...

Дар хоб гӯё шарфаи арвоҳҳои сиёҳ маро таъқиб мекарданд...

Дар бистари ишқи сӯхта ва ноком нороҳат будам, гӯё занҷирҳои он аҳду паймоне, ки бо ӯ баста будам, порапора шуданд. Ба ҳамаи суханҳои тасаллибахш, гарм ва пур аз меҳру навозиши ӯ нафрат хондам...

Имшаб, он дузди муҳаббати беолоишу покамро, ки ғунчаҳои он акнун дар дили кучакам нумӯъ мекарданд, бахшида наметавонам, модарҷон...

Модарҷон! Духтари нодон ва содатро бе падар, бо сад машаққат ба воя расонда, бо ҳазорҳо орзуву умед ва ниятҳои нек барои таҳсил ба шаҳр фиристодӣ, оё бахшида метавонӣ?

– Насиб бошад, чор-панҷ сол бо як миҷҷа задан мегузарад. Ситора муаллима мешавад. Ба бачаҳои деҳа дарс мегӯяд. Баъд ӯро ба хонадони баобрӯ ба арӯсӣ медиҳам, – мегуфтӣ бо ҳаяҷону шодӣ ба занҳои деҳа.

Модарҷони меҳрубонам, намедонӣ, ки духтари танҳои ту дар саҳрои ишқ роҳгум задааст. Охир, он бахте, ки пос медоштаму ибодаташ мекардам, дурӯғ баромад...

Модарҷон, гумон мекардам, ки бахтамро ёфтам, аммо...

... Чаро? Чаро акнун Афзал худро аз ман канор мегирад? Вақте ба суроғаш рафтам, чун одат ба пешвозам набаромад. Пештар «якҷоя дарс мекунем» гуфта ба хонааш таклиф мекард. Акнун-чӣ? Ҳис мекардам, ки аз омадани ман нороҳат аст.

Рӯзе банди чунин хаёлҳои мудҳиш ӯро дар факултет дидам. Баъди салому алейк «Ситора, имрӯз баъди дарс ба хонаам биё, гап ҳаст» гуфт. Баъди ду-се қадам гузоштан ба пасаш нигоҳ карда: «Барои густохии он рӯз маро бубахш!» гуфту аз толор бохонааш Аброр кушод.

– Э, э, биёед Ситорабону, – ба хона таклиф кард ӯ.

– Акои Афзал,... – суханам дар даҳонам монд.

– Поён фаромад, ҳозир меояд, – гуфт саросема Аброр.

Беихтиёр вориди хона шудам. Намедонам барои чӣ, хотирам парешон буд, аз нигоҳҳои дуздонаи Аброр низ дилам таҳ кашид. Аз хондан ва дигар корҳоям пурсон шуд, аммо ҳеҷ чизро намешунидам, карахт шуда будам. Дақиқаҳои тӯлонӣ гузаштанд. Наомад. Аз ҷо хеста рафтанӣ шудам.

– Куҷо меравед, Ситорабону? Афзал набошад, мана, мо ҳастем, – гуфту ба сӯям ҳаракат кард. Чашмонаш беҷо, зуд-зуд нафас мегирифт. Чунин ҳолатро интизор набудам. Аз дар баромаданӣ шудам. Мутаассифона, дари даромадгоҳ ҳам қулф буд. Кай чашми маро ғалат карда қулф задааст, намедонам. Аброр чун гурги гурусна ба сару гарданам дарафтид...

Ногаҳон дар кушода шуду Афзал даромад. Мисли он, ки маро болои «хиёнат» дошта бошад, бо мӯйҳои парешон дар миёни хона ҳаррос зада рост меистодам. Акнун фаҳмонданӣ будам, ки ба рӯям торсакии сахт фаровард Афзал. Аз зарбаи сахт сарам ба девор бархӯрд. Чашмонам сиёҳӣ заданд. Дигарашро намедонам...

Дертар фаҳмидам, ки коргардони ин «саҳна» худи Афзал будааст. Вай барои аз ман «халос шудан» чунин нақшаи нафратангезро кашидааст.

Модарҷони мушфиқу меҳрубонам, дар ин дунё сиёҳбахт касест, ки ба ҳеч кас лозим нест. Ба рӯят по гузоштам, саратро хам, дидагонатро нам кардам. Маро бубахш, модарҷон!

Шояд Афзали булҳавас боз дасти чанд духтаракони зебо, нодону гӯлро маънидорона фишурда, аз меҳру вафо ҳарф зада, дузди ишқу муҳаббат гашта бошад? Чаро дар ҷамъият Афзал барин ҷавонон бисёр вомеҳӯранд?

Саодат РӮЗИЕВА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.